Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28. 05 соли 2014, № 12/43 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ ОЗМУНИ «БЕҲТАРИН КАБИНЕТИ МЕТОДИ»-и МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМИ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи озмуни «Беҳтарин кабинети методӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (минбаъд Озмун) бо дарназардошти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии кабинети методии шуъбаҳои маорифи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳиявӣ ва шаҳрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таҳия гардидааст.

2. Низомномаи мазкур тарз ва тартиби гузаронидани озмуни «Беҳтарин кабинети методӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти умумиро муқаррар менамояд.

3.Озмуни мазкур бо мақсади рушди эҷодии мудирони кабинетҳои методии шуъбаҳои маориф, такмили маҳорати касбӣ ва ҳавасмандкунии моддию маънавии онҳо, омӯзишу баррасии таҷрибаи ибратбахши мушовирон (методистон)-и кабинетҳои методӣ равона карда мешавад.

## П.Мақсад ва вазифаҳои озмун

4.Мақсад ва вазифаҳои озмун иборатанд аз:

- даръёфт ва муайян намудани кабинети методий беҳтарин;

-баланд бардоштани мақоми кабинети методӣ, ҳамчун маркази ташаккулдиҳандаи маҳорати касбии омӯзгорон;

-такмил додани мазмун, шакл, усул ва воситаҳои самараноки хизматрасонии методӣ;

- тарғиб ва мавриди истифода қарор додани натиҷаҳои озмоиш ва таҳқиқиқотҳои методӣ дар ҷараёни таълиму тарбия;

-дастгирии моддӣ ва маънавии мудирони кабинети методӣ дар фаъолияти инноватсионии онҳо;

-ба низом даровардани фаъолияти эҷодкоронаи мудир ва мушовирони кабинетҳои методӣ дар ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ;

-дарёфт ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами кабинети методӣ бо мақсади расонидани кумак ба дигар кабинетҳои методӣ дар самти ташкили хадамоти мақсадноки методӣ;

-ҷамъоварӣ ва ба тартиб даровардани адабиёти таълимию методӣ дар самти истифодаи мақсадноки онҳо.

## III. Тартиби гузаронидани озмун

5.Озмун дар 2 давр гузаронида мешавад:

6.Даври аввал дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар зери назорат ва дастгирии Кумитаи \,тадорукоти раёсати маорифи вилоятҳо дар моҳи *март* гузаронида мешавад.

7-Кумитаи тадорукоти даври аввал тибқи фармоиши сардорони раёсатҳои маориф дар моҳи *январ* таъсис дода шуда, озмун таҳти роҳбарии онҳо гузаронида мешавад.

8.Таъсиси Кумитаи тадорукот ва назорати баргузории даври аввали озмун барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба зиммаи шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

9.Даври дуюм- ҷумҳуриявӣ таҳти назорати Кумитаи тадорукоти озмун дар моҳи *август* гузаронида мешавад.

10..Кумитаи тадорукоти даври аввал натиҷаи озмунро то *20 июн* ҷамъбаст намуда, ба Кумитаи тадорукоти даври ҷумҳуриявии озмун ҳисобот пешниҳод менамояд.

11.Кумитаи тадорукоти даври ҷумҳуриявии озмун бо пешниҳоди Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

12. Ба ҳайати Кумитаи тадорукот ва ҳакамони озмун намояндаи раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони масъули Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ҳафтанома ва маҷаллаҳои соҳавӣ шомил мегарданд.

13. Ҷой ва макони баргузории даври ҷумҳуриявии озмун бо пешниҳоди Кумитаи тадорукот тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

14. Фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як моҳ пеш аз баргузории даври хотимавии озмун дастраси ғолибони даври аввал гардонида мешавад.

15. Дардаври ҷумҳуриявии озмун ғолибони даври вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷой) тибқи пешниҳоди Кумитаи тадорукоти марбут иштирок менамоянд.

16. Ба ғолиби даври ҷумҳуриявӣ пас аз 3 сол ҳуқуқи иштирок ба озмуни навбатӣ дода мешавад.

## IV. Шартҳои озмун

17. Озмун аз рӯйи шартҳои зерин гузаронида мешавад:

-пешниҳоди Оиннома ва нақшаи кори кабинети методӣ, воҳидҳои корӣ бо нишон додани тақсимоти вазифаҳои хизматии мушовирон ва мувофиқати онҳо ба дараҷаи таҳсилоот,

-ҳисоботи эҷодии мудири кабинети методӣ бо нишон додани дастовард, мушкилот дар самти хизматрасонии методӣ ва роҳҳои пешгирии мушкилоти мавҷуда.

Барои баромад дар ин шарт 30 дақиқа вақт тариқи намоиши слайдҳо дода мешавад:

-пешниҳоди маводи омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадам, ки аз тарафи мушовирони кабинети методӣ дар давоми 3 соли охир ба анҷом расонида шудааст ва дар матбуоти ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд.

-иштироки мудир, мушовирони кабинети методӣ ва омӯзгорон дар таҳияи нақша, барномаҳои таълимӣ, китоби дарсӣ, дастурҳои методӣ, озмоишҳо ҷиҳати такмили нақша, барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои фаннӣ.

Ҳангоми ҷамъбаст ва баҳогузорӣ ба маводе, ки дар матбуоти ҷумҳуриявӣ ва ё тариқи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, афзалият дода мешавад.

## V. Маблағгузории озмун

18. Маблағгузории озмун аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

19. Тарҳи(смета)-и хароҷот се моҳ қабл аз баргузории озмун аз тарафи шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ дар мувофиқа бо Кумитаи тадорукот таҳия гардида, барои тасдиқ ба директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

20. Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии иазди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузориҳои зеринро барои гузаронидани даври ҷумҳуриявии озмун ба зимма мегирад:

-хароҷоти рафти тайёрӣ ва гузаронидани даври ҷумҳуриявии озмун;

-маблағҳое, ки барои омода намудани нишони сарисинагӣ (бейҷик), сертификат, маводи конселярӣ сарф мегардад;

- маблағи ҷойи хоб ва хӯроки севақтаи иштирокчиён ва ҳакамон дар давраи озмун;

- ба сафари хизматӣ фиристодани аъзои Кумитаи тадорукоти озмун ва дигар хизматрасониҳо.

21. Хароҷот барои гузаронидани даври якуми озмун ба зиммаи раёсати маорифи вилоятҳо ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо гузошта мешавад.

22. Роҳкирои довталабони даври ҷумҳуриявии озмун бо дарназардошти як намояндаи раёсат (шуъба)-и маорифи вилоят, шаҳр ва ноҳия, ки довталабро роҳбаладӣ менамояд, аз ҷойи кори асосии корманд пардохт карда мешавад.

23. Ғолиби даври ҷумҳуриявии озмун бо мукофоти ҳавасмандгардонӣ ба андозаи 2000 сомонӣ,Сертификати ғолиби озмун ва китобу дастурҳои нашрнамудаи Маркази ҷумҳуриявии

таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (тариқи ройгон) дар соли баргузории озмун мукофотонида мешавад.

24. Иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии озмун бо Ифтихорнома ва китобу дастурҳои нашрнамудаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (тариқи ройгон) дар соли баргузории озмун мукофотонида мешавад.

25. Ҷараёни баргузорӣ ва маводи озмун тариқи маҷаллаҳои «Масъалаҳои методикаи таълим» ва «Субҳи умед» нашр карда мешавад.